# ТЕСТ ВА ИМТИҲОНИ ТЕСТӢ

***Мирзоматов Нурилло**, сармутахассиси фанни забони тоҷикии раёсати таҳияи маводди имтиҳони Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*E-mail: mirzomatov@mail.ru*

Таърихи **тест ва имтиҳони тестӣ** дар соҳаи маорифи Тоҷикистон то андозае нав аст. Ин **усули санҷиш ва арзёбии донишу маҳорат** то ба ин наздикиҳо танҳо ҳамчун яке аз усулҳои озмоиш ва пажӯҳиши илми равоншиносӣ – он ҳам бештар дар доираи маҳдуди мутахассисони ҳамин соҳа истифода мегардид.

Истилоҳи “тест” аз солҳои 70-80-уми асри гузашта оҳиста-оҳиста аввал ба луғати қисме аз аҳли маориф дохил шуда, сипас дар имтиҳони ронандаҳо барои санҷиши донишҳо оид ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва тестҳои психологӣ ҳамчун воситаи арзёбӣ ва муайян намудани баъзе масъалаҳои махсус дар соҳаҳои низомӣ гоҳе истифода мегардид. Баъдан он кам-кам ҳангоми қабули имтиҳонҳо дар мактабҳои олӣ ҳам кор фармуда шуд. Таъсири ин намуди санҷиш ба мактабҳо низ андак-андак расида, навъи ҷамъбастӣ ва таълимии он низ гоҳо (вобаста ба фаъолияти баъзе лоиҳаҳо) каму беш, лаҳзавӣ кор фармуда шуд, вале на ҳамеша шакл ва навъу усули беҳтари он истифода мегардид.

Дар тасаввури бештари мардуми мо **тест** танҳо интихоби як ҷавоби дуруст аз се ё чор ҷавоби тайёр ба саволи гузошташуда аст. Ҳол он ки ин танҳо яке аз навъҳои саволу масъалаҳои усули тестии санҷиш аст.

Кунун ки Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуда, низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаю олии касбии Тоҷикистон роҳандозӣ шудааст, мафҳуми **тест** боз ҳам бештар вирди забонҳо гардидааст. Табиист, фикру андешаи мардум дар ин хусус якранг нест. Мутаассифона, баъзе аз муддаиён барғалат даъво доранд, ки тест воситаи хуби санҷиш ва имтиҳон нест, зеро ҷавобҳоро аз он тахминан ҳам ёфтан мумкин аст; ин усули америкоӣ ё аврупоии санҷиш аст ва ба мо мувофиқ намеояд; он фарзандони моро бесавод месозад ва ғайраю ҳоказо.

Табиист, толибилмону хонандагон маҷмӯаҳои гуногуни тестии ғайритахассусиро, ки ба дарди дохилшавандагони мо намехӯранд ва онҳоро «тестсозон»-е аз ҳар фан бо номи “тест» ба фурӯш баровардаанд, барои худ дастрас мекунанд (шояд тасаввуру андешаи нодурусти мардумро сабаб имрӯз ҳамин “тест”-ҳою маҷмӯаҳо бошад?).

Барои дуруст дарк намудани моҳияти масъала аввал бояд донист, ки худи мафҳуми «тест» чист?

Он аз калимаи англисии **test** буда, маънояш тафтиш (санҷидан, озмудан, имтиҳон кардан) ё санҷиш аст. Ба маънои истилоҳияш, **системаи саволу масъалаҳо**ест, ки дараҷаи дастовардҳои таълимӣ (донишу маҳорат ва малака), рушди психологии шахс ва ғайраро муайян мекунад.

Истилоҳи «**тестирование»** дар адабиёти равоншиносии русӣ ба маънои таҷриба, санҷиш (омӯзиш, озмоиш, имтиҳон) истифода мешавад. Ҳамчун истилоҳ усули ташхис (диагностика) ва пешбинии психологист, ки дар он **саволу масъалаҳои стандартӣ (тестҳо)** истифода шуда, дараҷа, ҳадаф ва шакли муайян дорад. Пас, ин воситаи санҷиш аз дигар воситаҳои санҷиши донишу малакаю маҳорат чӣ фарқ дорад?

Дар илми **тестшиносӣ** истилоҳи *дистрактор* кор фармуда мешавад, ки аз вожаи англисии **distract** [diˊstrækt] *парешон кардани диққат, таваҷҷуҳ, пароканда кардан/шудан; андармон шудан/кардан; машғул шудан* аст. Ба маънои *аз роҳ задан, касеро гаранг кардан, безобита кардан, парешонхотир, мушавваш кардан* ҳам кор фармуда мешавад. Дистракторҳо дар чунин навъи саволу масъалаҳои тест, ки дар онҳо **гуна (вариант)-и дурусти ҷавобҳо** бояд **интихоб карда шавад,** ба кор меравад. Дар ин намуди тестҳо ҷавобҳои зоҳиран ба ҷавоби дуруст монанд пешниҳод мегардад, аммо аз онҳо танҳо як ҷавоб дуруст аст. Як мисол меоварем:

**Шағол чунон ба рӯбоҳ монанд аст, ки гург ба...** Аз ҷавобҳои пешниҳодшуда бояд ҷавоби дурустро ёбем, ки маънои мантиқии ҷумларо пурра карда тавонад: **А) саг; Б) хирс; В) суғур; Г) сагобӣ; Д) харгӯш.** Аз инҳо ҷавоби дуруст гунаи “**А**” аст.

Чунонки мебинем, дистракторҳо андаке назарфиребанд ва ин ҷо дар ҳамаи онҳо номи ҳайвоноти ваҳшӣ зикр шудааст ва озмудашаванда шояд нишонаҳоро нодуруст муайян намуда, гунаи “Б” – **хирс**ро ҳам интихоб кунад. Агар дар масъалаи овардашуда анво (меню)-и дигари ҷавобҳо, ба мисоли **А) кафтор, Б) фил, В) муш, Г) хорпуштак, Д) сангпушт** истифода мешуд, он гоҳ ин гуна ҷавобҳо қатъӣ дистрактор маҳсуб намешуданд, чунки ба озмудашаванда ҷавоби дурустро аёну рӯшан нишон медиҳад.

Ё агар чунин савол гузорем, ки “**Баромад (этимология)-и кадоме аз номҳои занонаи зерин тоҷикист?**”

А) **Лола**, Б) **Райҳон**, В) **Фотима**, Г) **Назокат**, Д) **Шарофат**,

дистрактор мувофиқ аст, вале агар чунин дистракторҳоро пешниҳод кунем:

А) **Лола**, Б) **Шафоат**, В) **Муҳаббат**, Г) **Фирӯз**, Д) **Анис,**

ин саволи хуб ва дистрактори мувофиқ ҳисобида намешавад, чунки инҳо ҷавоби дурустро ошкор нишон медиҳанд (ҳарчанд номҳои Муҳаббат ва Шафоат дар баъзе ноҳияҳои Тоҷикистон ҳам ба духтарон ва ҳам ба писарон хос аст, вале баромадашон арабист).

Интихоби дистрактори монанд (хуб) шарти муҳими таҳияи ин гуна тестҳо ва қисми ҷудонопазири онҳост. Дистракторро, одатан, дар таҷриба озмуда, дурусту мувофиқ буданашро муайян менамоянд.

Гунаи ҷавобҳои нодурусти интихобкардаи озмудашавандагонро низ ҳамчун дистрактор кор фармудан мумкин аст. Баъди интихоби дистрактор онро такроран тафтиш кардан зарур аст. Санҷидан ҳатмист, ки дистракторҳо барои санҷишу озмоиш ба кор меоянд ё не? Бояд гуфт, ки дар қатори ҷавобҳои дуруст ҳамчун дистрактор истифодаи ҷавобҳои хеле наздик эътимоднокии тестро ниҳоят паст карданаш мумкин аст.

Дистракторро аз ҷавоби дуруст фарқ кардан осон нест. Мисол: **масофа аз Душанбе то Бохтар А) 90 км, Б) 92 км, В) 96 км, Г) 99 км, Д) 100 км аст.**

Истифодаи дистрактори нодуруст, номувофиқ натиҷаҳои тестро ба таври сунъӣ бад мекунад, чунки озмудашавандагон роҳгум мезананд. Дар ин ҳол, аз рӯйи нишондоди пажӯҳишҳо, бештар қисми "зӯр"-и озмудашавандагон зарар мебинанд.

Мантиқи дистракторҳо ва дуруст ҷобаҷо карданашон ҳам аҳамияти зиёд дорад. Барои фаҳмидани ин бо тарзи муқоиса аз як маҷмӯае оид ба тестҳо мисол меоварем.

*"Ҳаммаънои калимаи "офтоб"-ро ёбед."*

А) хуршед

Б) ситора

В) ҷасур.

Ҳаммаънои калимаи **офтобро ситора ё ҷасур** гӯем? "**Ҷасур**", ба офтоб чӣ алоқаи алоқаи мантиқие дорад?

Ҷавобҳоро то андозае дурусттар ин тавр пешниҳод кардан мумкин аст:

А) ҳилол

Б) қамар

В) хуршед.

Ё магар ба чунин савол: "*Кадоме аз ин шоирону нависандагон қаҳрамони Тоҷикистон мебошанд?"* гунаҳои зерини ҷавобҳоро пешниҳод кардан мумкин аст (?)

А) Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Б) С. Айнӣ

В) Бедил.

Аввалан, чун **Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ** оварда шуд, на С.Айнӣ, балки **Садриддин Айнӣ** навистан зарур аст (ҷавоб бояд пурра ва бомантиқ бошад!). На Бедил, балки Мирзо Бедил ё **Мирзо Абдулқодири Бедил** бояд гуфт. Агар гузоштани ин савол зарур бошад, онро ин тавр пешниҳод кардан мумкин аст:

**Кадоме аз ин шоирону нависандагон Қаҳрамони Тоҷикистонанд**:

А) Ҷалол Икромӣ

Б) Сотим Улуғзода

В) Садриддин Айнӣ.

Чунки дар замони Устод Рӯдакӣ ва Мирзо Бедил ҳанӯз Тоҷикистон ва мафҳуми "Қаҳрамони Тоҷикистон" низ вуҷуд надошт.

Одатан, бештари саволҳои таҳиягарони тестҳои мо бо ҷонишинҳои саволии **кадом**, **чанд** ва **кай**, **куҷо**, **кӣ, чӣ** (**чиро**?) аст. Саволи **барои чӣ, чаро** ва он саволҳое, ки аз хонанда исботу ҷустуҷӯро талаб мекунад, хеле кам дода мешаванд.

Савол бояд чунон тартиб дода шавад, ки дар он мақсад аён ва равшан бошад. Таҳиягар бояд дақиқ дар назар дошта бошад, ки бо ин ё он савол **чиро санҷидан** мехоҳад.

Дар баъзе аз китобчаҳо, ки онҳоро ҳамчун маҷмӯаҳои саволу масъалаҳои тестӣ табъу нашр кардаанд, мақсад ва чиро санҷидан маълум нест. Мисол:

*Дар забони модарӣ **чанд** ҳиссаи нутқ аст?*

А) 5-то

Б) 10-то

В) 6-то.

Бо ин савол чиро муайян мекунем? Савол бояд хонандаро фиреб надиҳад, ӯро тамоман раҳгум назанонад, гаранг накунад, балки ба фикр кардан, ҷустуҷӯ ва ҷавоб ёфтан водор намояд. Савол бояд пурра ва услуби пурсиш фаҳмо бошад. Аммо бо ин саволҳои "аҷиб" чиро месанҷанд?

*Сифат аломати **чи**ро мефаҳмонад? (?)*

А) феълро

Б) шумораро

В) исмро.

*Калимаи "хонд" ба **кадом** ҳиссаи нутқ тааллуқ дорад?*

А) исм

Б) сифат

В) феъл.

Агар гӯем, ки **феъл**, баъд чӣ? Ба ин савол дар ҳақиқат тасодуфан ҷавоб додан ҳам мумкин аст. Ҳамин гуна саволу масъалаҳои тест (ба гуфтаи худи чунин "тестсозон", супоришҳо (?)) тасаввури мардумро дар бораи тест барғалат ва нохушоянд гардонидааст.

Дар таҳияи саволу масъалаҳои тест ҳама чиз, ҳатто нуқтаю вергул ҳам аҳамият дорад. Мисол, дар як маҷмӯа бо чунин масъала дучор омадем:

*Исмҳои ҷамъ ба воситаи кадом пасвандҳо сохта мешаванд?*

А) -он, -ён, -вон, -ҳо, -гон (?)

Б) -ча, -ак, -як (?)

В) -тар, -зор, -он (?)

Бояд пасванд (суффикс)-ҳо аз рӯйи мантиқ аз як гурӯҳ, ба ҳар ҳол, ба пасвандҳои ҷамъ ақаллан наздик бошанд. Пас аз рӯи он қимати савол ва холи ба он додашаванда муқаррар мегардад. Ҷавобҳоро ин тавр дурусттар пешниҳод кардан аз рӯйи мантиқ аст:

А) -он (-ён, -гон, -вон); -ҳо

Б) -гоҳ, -бон

В) -зор, -истон.

Чунонки гуфтем, баъзе саволҳо гӯё барои тахминан ҷавоб додан дар назар дошта шуда бошанд. Масалан:

*Устод С. Айнӣ (?) дар оғоз (?) кадоме аз ин тахаллусҳоро пазируфта буд?*

А) Ҷунунӣ

Б) Азиз

В) Доно.

Агар ба дараҷаи донишу огаҳии талаба такя мекардем, ин тавр гуфтан мумкин буд:

***Устод Садриддин Айнӣ дар шеърҳояш аввал кадоме аз ин тахаллусҳоро кор фармуда буд?***

Ба ҷойи дистракторҳо низ бояд далели ҳаққонӣ ва наздику мантиқӣ оварда шаванд.

Бо ин гуна саволҳо чиро месанҷем? **Хотир**ро, **зираки**ро, **дониш**ро? Ин савол ба кадом синну сол дахл дорад? Бояд ҳамаи ин ҷиҳатҳо ба эътибор гирифта шаванд.

Ҳар як савол бояд донишу малака ва маҳорат – салоҳияти хонандагонро низ мушаххас санҷад, ба стандарт ва барномаи таълим мувофиқат намояд. Дар ниҳоят саволу масъалаҳоро санҷида, таносуби онҳоро муқаррар намуда, аз фанне ё маҷмӯи фанҳо барои ин ё он синф ё гурӯҳи муайян аз рӯйи синну сол тартиб медиҳанд.

Баъзе маҷмӯаҳои ба ном “Тест” на сарсухане, на мақсаду вазифаи мушаххасе доранд.

Дар як маҷмӯае, ки онро барои хонандагони синфҳои 1-5 навиштаанд, ҳатто тақсимоти синнусолияш ҳам чандон мушаххас нест. Агар он барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ навишта шудаю тести ҷамъбастӣ бошад, бояд ба синну соли хонандагони синфҳои ибтидоӣ,

зинаи аввали таҳсилот, ки ҳоло аз синфи 1 то 4-умро фаро мегирад, мутобиқ бошад... Масалан, саволи зерин аз ин маҷмӯа ба кадом синф тааллуқ дорад?

*Асарҳои Ибни Сино кадомҳоянд?* (?)

А) “Ал-қонун” (?), “Пирӯзинома”

Б) “Дохунда”, “Восеъ”

В) “Тоҷикон”, “Муқаннаъ”.

Ин саволу ҷавоб ҳам ҷиддӣ нест. Бо ин савол чиро месанҷем? Боз хотирро, зиракию боҳуширо? Пас, биёед, агар ин савол ин қадар муҳим бошад, онро чунин гӯем:

*Кадоме аз ин асарҳо аз Ибни Синост?*

А) “Ал-Қонун”, “Шифо”

Б) “Осор-ул-боқия”, “Китоб-ут-тафҳим”

В) “Сафарнома”, “Захираи Хоразмшоҳӣ”.

Баъзе саволҳо аз чунин маҷмӯаи “тестҳо” хандаовар ва бесуданд:

*Ҳиҷоҳо чанд хел мешаванд?*

А) 2 хел

Б) 4 хел

В) 3 хел.

Бо саволҳои зерин чиро месанҷанд?

*Кадом калимаҳоро мустазод (?) меноманд?*

А) калимаҳои зидмаъно

Б) калимаҳои ҳаммаъно

В) калимаҳои сода.

Мустазод гуфта магар антонимҳоро дар назар доранд? Ин ғалат аст! Он мутазод аст, ки дар баъзе китобҳои дарсӣ низ ба ин маънӣ истифода шудааст. Аммо барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ онро калимаҳои зидмаъно гӯем, беҳтар нест?

*Модари Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров кадом шоира аст?*

А) Мавҷуда Ҳакимова

Б) Розия Озод

В) Ҳадиса Қурбонова.

Ба Мавҷуда Ҳакимова, Худо биомурзадаш ва Ҳадиса Қурбонова модарии Бобоҷон Ғафуровро бор кардаанд. Бояд саволу ҷавоб кардан ҳам шарту одоб дошта бошад. Бубинед ин саволро:

*Кадом шоира духтари шоҳ буд?*

А) Робия

Б) Зебуннисо

В) Гулрухсор.

Дар маҷмӯае, ки номашро нагуфтем, ҳамин гуна саволу масъалаҳо аз бештари фанҳо мушоҳида мешаванд. Бубинед, аз ҷумла, саволҳои **математикаро**. Ҳарчанд ин салоҳияти математикҳост, аммо барои андеша ва хулосабарорӣ ба саволи 2-юм таваҷҷуҳ намоед:

*Амалҳои арифметикии якумдараҷа кадомҳоянд*?

А): ва -

Б). ва +

В)+ ва –

Дурусташ чунин мешавад:

А) тақсим (:) ва тарҳ (–);

Б) зарб (.) ва ҷамъ (+);

В) ҷамъ (+) ва тарҳ (–).

Ё:

А) : (тақсим) ва – (тарҳ);

Б) . (зарб) ва + (ҷамъ);

В) + (ҷамъ) ва – ( тарҳ).

Бояд аввал бо ҳарф навишта, дар қавс аломатро гузорем, то фаҳмо шавад. Аломатро чунон ба қавс часпонда нишон додаанд, ки хонандаи синфҳои ибтидоӣ ва ҳатто калонсолтарон ҳам аз он чизеро намефаҳманд.

Аз рӯйи талаботи таҳияи тестҳо саволҳое, ки ҳама ба онҳо пурра ҷавоб диҳанд ё ҳеҷ кас ҷавоб дода натавонад, саволи хубу мувофиқ ҳисоб намешаванд.

Акнун ба саволҳои “аҷоиб”-и **табиатшиносӣ** диққат диҳед:

*Одам бо кадом узв нафас мекашад?*

А) ҷигар

Б) шуш

В) гурда.

*Одами солим чанд дандон дорад?*

А) 30

Б) 28

В) 32.

Одами солим 28 ва 30 дандон ҳам дошта метавонад.

*Бо кадом узв мазаро мефаҳманд?*

А) лаб

Б) забон

В) дандон.

*Илми **фалакиёт** кай ба вуҷуд омад?* (Ин савол барои синфи 5-ум бошад?)

А) асри X

Б) асри XVIII

В) асри XXI.

*Минтақаҳои табиӣ* ***чандтоянд?***

Хайр, агар ман 7-то гуфтам, баъд чӣ мешуд? Ин гуна саволу ҷавобҳо ба дониши ман чӣ меафзоянд ё пурсанда ба воситаи онҳо чиро муайян мекунад? Умуман, ин чӣ гуна саволдиҳист?

*Замин барои инсон* ***манбаи чист***? Ҷавобҳоро бинед:

А) гули инсон

Б) манбаи ризқу рӯзӣ

В) дарахти умри инсон.

**Ё**

*Табиатшинос дар куҷо кор мекунад?*

А) мағоза

Б) озмоишгоҳ (лаборатория)

В) китобхона.

Хонанда магар гуфта наметавонад, ки дар хонааш?

*Агроном кист?*

А) духтури дандон

Б) духтури кӯдакон

В) духтури замин.

*Дар атрофи офтоб чӣ давр мезанад?*

А) ситораҳо

Б) Замин

В) ҳаво.

*Тоҷикистон бо кадом давлатҳо ҳамсарҳад аст?*

А) Африқо, Русия, Хитой

Б) Хитой, Афғонистон, Ӯзбекистон

В) Англия, Туркманистон, Қазоқистон.

Қирғизистон ку?

*Помидор* ***аз калимаи итолиёвӣ гирифта шуда****, чӣ маънӣ дорад?*

А) шафтолуи тиллоӣ

Б) себи тиллоӣ

В) ноки тиллоӣ.

Бояд саволро бевосита дод. Ин ҷо аз итолиёвӣ ё ягон забони дигар “гирифта шудан”-и помидорро донистан ба хонанда чӣ зарурат дорад? Фарз кардем, ин савол барои хонандагони синфи 5-ум бошад, ба забон ё табиатшиносӣ чӣ муносибат дорад? Ин ҷо дистракторҳо низ дуруст нестанд.

*Сохти гурдаҳо ба кадом растанӣ (?) монанд аст?*

А) нахӯд

Б) мош

В) лӯбиё.

Растанӣ не, меваи растанӣ будагист?

*Бо кадом узв мо садоҳоро мешунавем?*

А) чашм

Б) бинӣ

В) гӯш.

*Аввалин мамнуъгоҳ, ки дар Тоҷикистон соли 1938 ташкил ёфт, чӣ ном дорад?*

А) Ромит

Б) Бешаи палангон

В) Сарихосор.

Агар ин саволро барои хонандагони синфи 4-ум пешниҳод карданӣ бошем, чунонки гуфтем, аввал бояд донист, ки мо аз онҳо чӣ мехоҳем ва аслан, чиро санҷиданӣ ҳастем? Сипас саволро дуруст диҳем. Мақсад аз савол додан якбора тамоман гаранг кардан, ба кӯчаи сарбаста бурдан ва мулзам кардани хонандаи бечора нест. Балки бояд самимона пурсида, ба донишу малакаю маҳорати аслии хонанда(гон) баҳои ҳаққонӣ диҳем. Баъди саволи дурустро додан ҷавобҳои монандро (ҳам дурусту ҳам ғалат) аз рӯйи мантиқу одоб ва бо тартиб бояд пешниҳод намуд. Мисол, саволи болоро ин тавр дуруст кардан мумкин аст:

***Аввалин мамнуъгоҳи Тоҷикистон кадом аст?***

А) мамнуъгоҳи “Ромит”;

Б) мамнуъгоҳи “Даштиҷум”;

В) мамнуъгоҳи “Бешаи палангон”.

Чунонки гуфтем, саволу ҷавоб бояд аз рӯйи одобу фарҳанг бошад. Оё мисол, чунин саволу ҷавоб дар синфҳои ибтидоӣ аз рӯйи одоб аст?

*Аз падар ва модари майзада чӣ гуна фарзанд таваллуд мешавад?*

А) солиму зебо

Б) иллатноку беақл

В) бузургҷусса.

Акнун ба саволҳо аз фанни **мусиқӣ** таваҷҷуҳ намоед:

*Оҳангсозони (композитор) тоҷик кадомҳоянд?*

А) Алӣ Бобоҷон, Мирсаид Миршакар, Лоиқ Шералӣ

Б) Дамир Дӯстмуҳаммадов (Дигар оҳангсозро худатон намешиносед?)

В) Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Аҳрор Мухторов.

Чун дистракторҳо нодурустанд, ин саволи хуби тестӣ буда наметавонад.

Ба ин саволу ҷавобҳо таваҷҷуҳ намуда, худатон хулоса бароред:

*Асбобҳои мусиқӣ кадомҳоянд?*

А) табар, теша, каланд

Б) дутор, доира, най

В) пиёла, табақ, корд.

*Суруди умумиро чанд нафар месароянд?*

А) 1 гурӯҳ

Б) 1 нафар.

Чаро ин ҷо танҳо танҳо 2 ҷавоб оварда шудааст? Яктои дигар ҷавоб наёфтед?

Ин нодуруст аст.

*Қаҳрамони асосии Достони "Гурӯғлӣ" кист?*

А) Рустами Достон

Б) Аваз

В) Темурмалик.

*Дар рақсҳои миллӣ кадом асбобҳои рӯзгорро истифода мебаранд?*

А) бел, зоғнӯл, табар (якбора мисронро ҳам илова мекардед!)

Б) қошуқ, табақ, лаълӣ

В) дег, кафлес, пиёла.

Ин масхарабозӣ нест магар?

Ё:

*Овозхонҳои халқии тоҷик кадомҳоянд?*

А) С. Наҷмиддин, В. Азизов

Б) Л. Азизова, О. Ҳошим

В) У. Зиёев, Р. Шалоэр.

Хонандагон овозхонҳоро бештар бо номашон мешиносанд. Бинобар ин онро дуруст ва пурра бояд навишт. Садриддини Наҷмиддин, Лола Азизова, Одина Ҳошимов, Умар Зиёев, Раҳима Шалоэр. В. Азизов кист, магар Ваҳҳоб Азизов? Донистани ӯ барои барномаи таълим чӣ муносибате дорад?

*Кадом асбобҳои мусиқиро бо даҳон (?) менавозанд?*

А) сурнай, карнай

Б) ғижжак, рубоб

В) доира, таблак.

*Мактаби мусиқӣ ба номи кист?*

А) Малика Собирова

Б) Малика Қаландарова

В) Гулрухсор Сафиева.

*Аввалин маротиба суруди "Республикаи ман"-ро кӣ сароидааст?*

А) Аҳмад Бобоқулов

Б) Рустам Абдуллоев (ин кист?)

В) Ҷӯрабек Муродов.

*Муаллифи шеъри "Гӯянд, маро чу зод модар" кист?*

А) Эраҷ Мирзо

Б) Мирсаид Миршакар

В) Мирзо Турсунзода.

Ин шеър “Меҳри модар” ном дорад (“Мушоира”, нашриёти “Прогресс”, Маскав. Таҳти назари М. Турсунзода, саҳ. 73).

*Муаллифи* (*шеъри* – М. Н.) *“Дасти дуои модар” (?) кадом шоир аст (кист* – М. Н.*)?*

А) Боқӣ Раҳимзода

Б) Пайрав Сулаймонӣ

В) Лоиқ Шералӣ.

Аслан ин шеър “Қасидаи модар” ном дорад (Лоиқ. “Хонаи дил”, Душанбе, “Ирфон”, 1986, саҳ. 27-29). Мо ҳақ надорем, ки ҳар тавре хоҳем, ба шеъри як шоири маъруф ном гузорем. Саволро ҳам ин тавр намегузоранд, хоса барои синфҳои ибтидоӣ, ки дар барномаи таълимашон ин мавзӯъ ҷой надорад.

*Кадоме аз ин унвонҳо барои овозхонҳо муқаррар шудааст?*

А) Ҳофизи халқии Тоҷикистон

Б) Аълочии маорифи Тоҷикистон

В) Шоири халқии Тоҷикистон.

*Барномаи “Овози тиллоӣ” (?) аз тариқи (?) кадом шабака (?) нишон дода мешавад?*

А) ТВС

Б) ТВБ

В) ТВ-1.

**Дурусташ**: Барномаи “Овози тиллоӣ” (?) аз кадом шабакаи телевизиони Тоҷикистон намоиш дода мешавад?

А) шабакаи телевизиони “Сафина”;

Б) шабакаи телевизиони “Баҳористон”;

В) Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон.

*Жанрҳои мусиқӣ кадомҳоянд?*

А) рассомӣ, ҳайкалтарошӣ

Б) фалак, эстрада

В) наққошӣ, мусаввирӣ.

Чунин ба назар мерасад, ки донишу қобилияти мураттиб барои таҳияи саволу ҷавобҳои мувофиқи мусиқӣ кифоя набудааст ва саволҳоро гӯё барои пур кардани саҳифа овардааст. Савол ба хотири савол?

Ҳангоми таҳияи саволу масъалаҳои тест аломатҳои китобатро ҳам дуруст бояд гузошт. Баъди қавс, агар аломати нуқта гузошта нашуда бошад, бо ҳарфи калон наменависанд. Ин қоида на ҳамеша риоя шудааст: ҷое хурд, ҷое калон, ҷое омехта... Ба ин саволу ҷавобҳо таваҷҷуҳ намоед:

*Навозандае, ки худаш танҳо оҳанг менавозад ё суруд мехонад, чӣ ном дорад?* (??)

А) сурудхон (?)

Б) навозанда

В) яккахон ва якканавоз.

*Филми ҳунарии "Рустам ва Сӯҳроб"-ро кадом режисёр ба саҳна гузоштааст?*

А) Б. Кимёгаров

Б) Ф. Ғуломов

В) Д. Худойназаров (дурусташ Д. Худоназаров – М. Н.).

*Суруди аввалини Ф.Одина?*

А) Қасам

Б) Нағз медонӣ

В) Резаборон.

**Дурусташ:** суруди аввалини эҷоднамудаи оҳангсоз Фаттоҳ Одинаев кадом аст?

Ё *Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо кадом сурудаш (?) шоҳро ба ватанаш баргардонид?*

А) Ҷӯи Мӯлиён

Б) Модари май

В) Рубоии "Мардӣ".

**Дурусттараш:** Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо хондани кадом шеър шоҳро ба Бухоро баргардонид?

А) "Бӯйи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме"

Б) қасидаи "Модари май"

В) рубоии "Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ!".

Хуллас, савол тартиб додан ва аз ин саволҳо тест – воситаи санҷишро таҳия намудан кори осон нест. Он аз таҳиягар донишу малакаю маҳорат ва салоҳияти баланди касбиро – ҳам аз фанне, ки аз он савол таҳия мешавад ва ҳам аз шарту қоидаҳои тартиб додани тест талаб мекунад, вагарна ин гуна "тестҳо"ба ҷуз мардумро аз тест дилхунуку дилмонда кардан ба касе дигар суде намебахшанд. Барои таъмини сифати баланди тестҳо ба назар гирифтани стандарти фаннии таҳсилот (барномаҳои таълим, китобҳои дарсию иловагӣ ва ниҳоят, усули таълим) муҳим аст.

Ин бор танҳо дар бораи як навъи тест сухан рондем. Минбаъд дар бораи навъҳои дигари он суҳбат хоҳем кард.